**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН**

# ҲИСОБОТИ СОЛОНА 2023



# Ҳисоботи солонаи Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон | 2023

# МУНДАРИҶА


Ихтисораҳо 3

Муқаддима 4

Мақсад ва вазифаҳои Хазина 6

**1. Шарҳи мухтасари вазъи макроиқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ 9**

1.1. Бахши макроиқтисодӣ 10

1.2. Бахши низоми бонкӣ 13

1.3. Ҷалби пасандозҳо ва қарздиҳӣ ба иқтисодиёт 17

**2. Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва таъмини фаъолияти муназзами он 23**

2.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо 26

2.2. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулии суғурта 29

2.3. Суғурта гардидани амонату пасандозҳо аз ҷониби Хазина 31

2.4. Арзёбии пардохтҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина 38

2.5. Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина 39

**3. Таъмини иҷрои дигар вазифаҳои Хазина 40**

3.1. Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 41

3.2. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина 47

3.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа 49

3.4. Ҳамкориҳои байналмилалӣ 51

3.5. Самтҳои асосии рушди Хазина 52

**4. Ҳисоботи молиявии Хазина 54**

Замимаҳо 58

# Ихтисораҳо

**АБСП (IADI) –** Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**БМТ –** Бонки миллии Тоҷикистон

**БАТР –** Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд

**БОР –** Бонки Осиёгии Рушд

**Вазорати молия -** Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИМА –** Иёлоти муттаҳидаи Америка

**КМА, Кумитаи АБСП (IADI)-** Кумитаи минтақавии Авруосиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**Қонун –** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо"

**ММД –** Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ

**Ташкилоти қарзии узви Хазина -** Ташкилотҳои қарзии – узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

**ТАҚХ –** Ташкилоти амонатии қарзии хурд

**ТҚ –** Ташкилоти қарзӣ

**ТҚҒ –** Ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ

**ТҚМ –** Ташкилотҳои қарзии молиявӣ

**Хазина –** Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**ХБА –** Хазинаи байналмилалии асъор

**Шӯрои нозирон -** Шӯрои нозирони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**ҶДММ –** Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

**ҶСК –** Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶСП –** Ҷамъияти саҳомии пӯшида

**ҶТ –** Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Муқаддима

Соли 2023 барои низоми суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон соли тақвиятёбии заминаҳои минбаъда барои рушду ташаккулёбии устувор арзёбӣ мегардад. Ин пеш аз ҳама дар зиёд шудани шумораи ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва устувории нишондиҳандаҳои молиявии онҳо, васеъ гардидани миқёси фарогирии суғуртавии пасандоздорон ва афзоиши назарраси ҳаҷми амонату пасандозҳои суғурташуда, аз ҳама муҳим ба амал наомадани ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилоти қарзии узви Хазина зоҳир гардид.

Дар соли 2023 Хазина фаъолияти худро баҳри ноил гардидан ба мақсаду вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар ва мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дод.

Мақсади асосии Хазина аз ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта иборат буда, дар давоми соли баррасишаванда аз ҷониби Хазина пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда идома ёфт. Дар маҷмуъ, дар солҳои 2016-2023 дар 18 ташкилоти қарзии узви Хазина, ки бинобар асосҳои маҷбурӣ барҳам дода шуда буданд, аз тарафи Хазина ба пасандоздорони суғурташуда ба маблағи умумии 212,1 млн. сомонӣ ҷубронпулии суғурта пардохт карда шуд, ки ин аз муҳимият ва самаранокии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои пасандоздорон гувоҳӣ медиҳад.

Дар соли ҳисоботӣ баҳри иҷрои вазифаҳои асосии худ Хазина тадбирҳоро дар самти танзими босамари низоми суғуртаи амонату пасандозҳо идома дод. Ислоҳоти калидӣ, ки ба тавсеаи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо равона гардид, ин мавриди амал қарор гирифтани

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” (аз 15 марти соли 2023, №1961) ба шумор рафт.

Мутобиқи тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур доираи объектҳои ҳатмии суғурта васеъ гардида, дар қатори пасандозҳои шахсони воқеӣ суратҳисобҳои амонатию пасандозии соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо дохил карда шуданд. Вобаста ба ин, номи Қонун дар таҳрири нав — «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» ва Хазина ҳамчун “Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон” муайян карда шуд.

Илова бар ин, андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ зиёд карда шуда, дар як андозаи муайян - на бештар аз 35 000 сомонӣ муқаррар гардид.

Бинобар ин, Хазина дар соли 2023 саривақт маҷмӯи чорабиниҳои амалию ташкилиро ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ва такмил додани санадҳои меъёрии дахлдор, баҳисобгирии амонату пасандозҳо, пардохтҳои тақвимӣ, инчунин раванди пешбурди корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ андешид.

Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ҳамчун яке аз низомҳои муҳими нигоҳдории суботи низоми молиявӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти пурсамари он бевосита бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҷоннок гардид. Васеъ гардидани объект ва субъектҳои суғурташаванда, инчунин афзудани андозаи ҷубронпулии суғуртавӣ бевосита барои баланд гардидани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар ва афзоиши амонату пасандозҳо дар низоми бонкӣ мусоидат хоҳад намуд.

Ҳисоботи солонаи Хазина барои соли 2023 мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” омода гардида, он таҳлили вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, фаъолияти Хазина дар самти иҷрои вазифаҳои вогузоршуда ва ҷамъбасти натиҷаҳои молиявии Хазинаро дар соли молиявии сипаришуда дарбар мегирад.

# Мақсад ва вазифаҳои Хазина

## ХАЗИНА

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд дар ҳисобот Хазина) бо мақсади ҳифзи пасандозҳои аҳолӣ аз хавфи муфлисшавии ташкилоти қарзӣ соли 2004 ҳамчун “Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ” таъсис дода шудааст. Дар натиҷаи таҷдиди сохтори ташкилию ҳуқуқӣ Хазина вориси ҳуқуқии Фонди мазкур гардида, ҳуқуқу уҳдадориҳо, молу мулк ва кафолатҳои онро ба зимма гирифт.

Заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти Хазина бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ба танзим даровarda шуда, мутобиқи он мақсади асосии Хазина ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта муайян карда шудааст.

Мақоми олии идоракунии Хазина, ки барои назорати умумии фаъолияти он масъул аст Шӯрои нозирони Хазина мебошад, ки ҳайати он аз панҷ нафар аъзои доимӣ, аз ҷумла раиси Бонки миллии Тоҷикистон (Раиси Шӯрои нозирон), муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва раиси Хазина иборат аст.

Хазина ҳамчун ниҳоди пешбаранда ва танзимкунандаи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар низоми молиявии кишвар нақши хосаро иҷро менамояд. Он ба сифати яке аз иштирокчиёни муҳими низоми нигоҳдории суботи молиявӣ арзёбӣ гардида, дар доираи ваколатҳои худ сиёсати давлатиро дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон амалӣ менамояд.

Фаъолияти Хазина ба таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, ки он дар навбати худ ба афзоиши ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина мусоидат менамояд.

Баҳри ноил гардидан ба мақсадҳои худ Хазина фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳоро танзим менамояд, ҷубронпулии суғуртаро сари вақт муайян ва ба пасандоздорон пардохт мекунад, феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазинаро пеш мебарад, пардохтҳои

ташкилотҳои қарзиро арзёбӣ, ҷамъоварӣ ва баҳисобгирии онро амалӣ менамояд, бо мақсади андӯхти молу мулки Хазина маблағҳои Хазинаро сармоягузорӣ, идора ва ҷойгир мекунад. Ғайр аз ин, тибқи Қонун ваколатҳои Хазина иштироки онро дар раванди батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ пешбинӣ менамояд.

***Мақсади Хазина*** – ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ ва таҳкими эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***Ваколати Хазина*** – суғуртаи амонату пасандозҳои пасандоздорон, танзими низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, иштирок дар раванди батанзимдарории ташкилоти қарзӣ[1].

***Биниши Хазина*** – ҳамчун як ташкилоти муваффақ, муассир ва пешсафи суғуртакунандаи амонату пасандозҳо шинохта шудан ва самаранок амалӣ намудани вазифаҳои вогузоршуда бо дарназардошти дастовардҳои беҳтарини таҷрибаи ҷаҳонӣ.

***Арзишҳои Хазина*** – дар раванди фаъолият принсипҳои поквиҷдонӣ, касбият, шаффофият, масъулияти молиявӣ, ҳамкорӣ ва фарогириро пеша гирифтан.

[1] *Ба истилоҳи байналмилалӣ: "Pay-box plus mandate"*

# Шарҳи мухтасари вазъи макроиқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ

# 1. ШАРҲИ МУХТАСАРИ ВАЗЪИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ НИЗОМИ БОНКӢ

## 1.1. Бахши макроиқтисодӣ

Дар соли 2023 номуътадилӣ ва хавфҳои афзудаи геосиёсӣ дар минтақаи ҷаҳон бо пайомадҳои афзояндаи номуайянӣ ва боздорандаи рушди иқтисодиёти ҷаҳон, аз қабили мушкилии гардиши савдо ва пешбурди сиёсати қатъии макроиқтисодӣ идома ёфт. Сарфи назар аз ин, раванди рушди воқеии иқтисодиёти миллӣ дар соли сипаришуда дар сатҳи устувор ҷамъбаст гардида, вазъи макроиқтисодӣ-молиявӣ ва нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ, бахусус ҳаҷми амонату пасандозҳои ҷалбшуда ва қарзҳои додашуда ба иқтисодиёт дар умум тамоюли мусбатро нишон дод.

Тибқи маълумоти омори расмӣ дар соли 2023 афзоиши назарраси маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба қайд гирифта шуд. Ҳаҷми ММД-и номиналӣ 130,8 млрд. сомониро ташкил дода, рушди воқеии он бошад ба 8,3 фоиз расид, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин миёни кишварҳои рӯ ба инкишоф маҳсуб меравад.

**Афзоиши ММД ва рушди воқеии он** (манбаъ: Агентии омор)



Дар соли 2023 дар маҷмуъ бахшҳои асосии ММД тамоюли мусбии рушдро нишон доданд. Аз ҷумла, рушд истеҳсолот дар соҳаи саноат 12,0 фоиз ва соҳаи кишоварзӣ 9,0 фоизро ташкил дод. Соҳаҳои сохтмон ва хизматрасонӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои фаъолнокии иқтисодиёт низ рушди устувор - мувофиқан 22,5 фоиз ва 14,1 фоизро нишон доданд.

Аз тарафи омилҳои унсури талабот рушди мазкури иқтисодиёт бо раванди тағйирёбии муътадили талаботи истеъмолии дохилӣ вобаста ба сатҳи ҷолибноки вуруди интиқолҳои фаромарзии муҳоҷирони меҳнатӣ ва афзоиши нисбии музди миёнаи воқеии меҳнат алоқамандӣ дошт. Дар баробари ин, омилҳои монетарӣ аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми қарздиҳии ташкилотҳои молиявии қарзӣ ва фискалӣ аз ҳисоби хароҷотҳои бахши андозу буҷет бевосита ба фаъолнокии иқтисодӣ мусоидат намуданд.

Ҳаҷми ММД ба сари аҳолӣ дар интиҳои соли 2023 тибқи маълумоти фаврӣ 12,8 ҳаз. сомонӣ ё худ 1 168,7 долл. ИМА-ро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли қаблӣ мувофиқан 11,5 фоиз ва 3,8 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2023 раванди тағйирёбии муътадили сатҳи миёнаи нархҳои истеъмолӣ дар кишвар идома ёфта, сатҳи таваррум дар яке аз нишондиҳандаҳои пасттарини солҳои охир ҷамъбаст ёфт.

Дар соли ҳисоботӣ сатҳи таваррум 3,8 фоизро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли қаблӣ 0,4 банди фоизӣ пасттар мебошад. Аз ҷумла, дар таварруми бавуқуъомада афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 3,5 фоиз, молҳои ғайрихӯрока 6,6 фоиз ва хизматрасонӣ 1,2 фоизро ташкил намуд.

Ба поёнравии сатҳи таваррум асосан коҳишёбии назарраси нархи маводҳои воридшавандаи хӯроквории аввалиндараҷа, ки ба онҳо ҳиссаи асосии хароҷотҳои қисми зиёди аҳолӣ рост меояд (бахусус, орд ва равғани растанӣ), мусоидат намуд.

Бо назардошти коҳишёбии фишорҳои таваррумӣ, дар соли сипаришуда Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати мутавозуни пулию қарзиро татбиқ намуд, ки дар натиҷа меъёри бозтамвил аз сатҳи 13,5 фоиз то 10,0 фоизи солона паст карда шуд.

**Таварруми солона ва саҳми сохтории он, бо фоиз**
**(манбаъ: Агентии омор)**




Дар соли 2023 вобаста ба устувории унсури талаботи дохилӣ, тавозуни савдои кишвар бо зиёдшавии касри он дар қиёс ба соли қаблӣ ба андозаи 13,4 фоиз таҷассум ёфт.

**Тамоюли гардиши савдои хориҷии ҶТ, бо млрд. долл. ИМА**
**(манбаъ: Агентии омор)**




Аз ҷумла, ҳаҷми воридот нисбат ба соли қаблӣ ба андозаи 13,8 афзоиш ёфт, ки ба он тамоюли устувори сатҳи талаботи дохилӣ аз як

тараф ва устувории намояи қурби самараноки воқеии сомонӣ аз тарафи дигар мусоидат намуд. Ҳаҷми содирот бошад вобаста ба рушди содироти сангу филизоти қиматбаҳо, ки дар сохтори содирот ҳиссаи зиёдтаринро ишғол менамояд, ба андозаи 14,3 фоиз афзоиш ёфт.

Дар соли 2023 қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА ба андозаи 7,4 фоиз коҳиш ёфта, нисбат ба рубли русӣ бошад 17,6 фоиз қавӣ гардид. Раванди тағйирёбии қурби сомонӣ нисбат ба асъорҳои асосии савдои хориҷӣ асосан бо вазъ ва омилҳои таъсиррасони иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин талаботу таклифоти асъори хориҷӣ дар бозори дохилии асъор вобастагӣ дошт. Аз ҷумла, татбиқи сиёсати қатъии монетарӣ аз тарафи Бонки марказии ИМА, лаппишҳои қурби рубли русӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ, интизориҳои агентҳои иқтисодӣ ва афзоиши касри тавозуни савдои ҷумҳурӣ аз омилҳои ба тағйирёбии қурби сомонӣ таъсиррасон ба ҳисоб рафтанд.

**Тағйирёбии қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ***
**(охири давра, бо фоиз, нишондодҳои манфӣ устуворёбии қурби сомониро нишон медиҳанд)**




## 1.2. Бахши низоми бонкӣ

Дар соли ҳисоботӣ бо назардошти вазъи муътадили макроиқтисодӣ, дар маҷмуъ устувории нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ, афзоиши ҳаҷми қарздиҳӣ ва вусъат ёфтани ҷалби

амонату пасандозҳо, инчунин даромаднокии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мушоҳида гардид.

Тибқи маълумоти омории Бонки миллии Тоҷикистон дар интиҳои соли ҳисоботӣ ҳаҷми дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 37,7 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 25,5 фоиз афзоиш ёфт. Уҳдадориҳо ва сармояи тавозунии ташкилотҳои мазкур мувофиқан 30,3 млрд. сомонӣ ва 7,4 млрд. сомониро ташил дода, нисбат ба соли гузашта мутаносибан 27,8 фоиз ва 16,9 фоиз зиёд шуданд.

**Нишондиҳандаҳои тавозунии ТҚМ (млрд. сомонӣ) ва афзоиш онҳо (бо %) (манбаъ: БМТ)**







**Нишондиҳандаҳои устувории молиявии ТҚМ, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**






Дар соли сипаришуда вазъи сармоякунонӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ муътадил буда, меъёрҳои кифоятии сармоя ва пардохтпазирӣ аз талаботи ҳадди аққал барзиёд ҷамъбаст ёфтанд. Аз ҷумла, ба ҳолати интиҳои соли 2023 меъёри кифоятии сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 21,3 фоизро ташкил дод (талаботи меъёрӣ дар сатҳи 12 фоиз муқаррар шудааст). Дороиҳои пардохтпазир бошанд 37,2 фоизи дороиҳои умумии низоми бонкиро ташкил дод ва вобаста ба ин меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (дороиҳои пардохтпазир нисбат ба ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат) ба 81,0 фоиз расид, ки талаботи меъёрии он дар сатҳи 30 фоиз муқаррар шудааст. Нишондиҳандаҳои мазкур бевосита аз устувории вазъи молиявии низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои дигари устувории низоми бонкӣ - вазъи сандуқи қарзӣ ва сатҳи қарзҳои ғайрифаъол мебошад. Дар соли 2023 ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъоли ташкилотҳои қарзӣ қариб ки бетағйир боқӣ монда, дар маҷмуъ дороии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз лиҳози сифатнокӣ дар сатҳи нисбатан баланд қарор дошт. Аз ҷумла, дар сандуқи қарзии маҷмӯӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (қарзҳои зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) 12,5 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли қаблӣ 12,0 фоиз буд.

**Суръати афзоиши солонаи бақияи қарзҳои ғайрифаъоли ТҚМ, бо фоиз** (манбаъ: БМТ)




**Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаол дар сандуқи қарзии ТҚМ, бо фоиз** (манбаъ: БМТ)



Боиси тазаккур аст, ки дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти идоракунии хавфҳои қарзӣ тибқи талаботҳои пруденсиалӣ саъю кӯшиш намуданд. Аз ҷумла, фонди пӯшонидани талафоти имконпазир, ки аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол ташкил дода шудааст, 99,9 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои ғайрифаъолро ташкил дод.

Дар навбати худ, фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ТҚМ) нисбат ба соли қаблӣ беҳтар гардида, дар маҷмуъ ТҚМ барои зиёд намудани фоидаи худ аз ҳисоби пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ, даромадҳои фоизӣ ва ғайрифоизӣ муваффақ шуданд. Натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи 31 декабри соли 2023 бо фоида ба маблағи 999,3 млн. сомонӣ ҷамъбаст гардид. Вобаста ба ин, нишондиҳандаҳои даромаднокии дороиҳои ТҚМ (RoA) 2,6 фоиз ва даромаднокии сармояи ТҚМ (RoE) 13,6 фоизро ташкил дод.

**Даромаднокии дороиҳои ТҚМ, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**




**Даромаднокии сармояи ТҚМ, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**




Дар соли ҳисоботӣ болоравии мусбӣ дар сатҳи миёнаравии молиявӣ ё худ фарогирии молиявӣ, ки саҳми низоми бонкиро дар рушди воқеии иқтисодиёт нишон медиҳад, идома ёфта, нишондиҳандаҳои миёнаравии молиявӣ, ба монанди дороиҳо ва уҳдадориҳо нисбат ба ММД нисбатан афзоиш ёфтанд (ниг. ба диаграммаи поён).

**Сатҳи миёнаравии молиявӣ, бо фоиз нисбат ба ММД (манбаъ: БМТ)**




Бо вуҷуди ин, сатҳи мазкури миёнаравии молиявӣ нокифоя буда, раванди афзоиши ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва пешниҳоди қарзҳоро аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба иқтисодиёт мебояд зиёд гардонид.

## 1.3. Ҷалби пасандозҳо ва қарздиҳӣ ба иқтисодиёт

Дар соли 2023 тамоюли афзоиши назарраси ҳаҷми амонату пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ мисли соли қаблӣ идома ёфт. Тибқи маълумоти омории БМТ ба ҳолати 31 декабри соли 2023 ҳаҷми умумии пасандозҳои ҷалбкардаи низоми бонкӣ маблағи 19,5 млрд. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли 2022-ум 25,5 фоиз зиёд мебошад (дар соли 2022-ум 52,6 фоиз буд).

**Тағйирёбии бақияи пасандозҳо, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)**




**Суръати афзоиши солонаи пасандозҳо, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**



Дар сохтори бақияи умумии амонату пасандозҳо ҳаҷми амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ мувофиқан 10,8 млрд. сомонӣ ва 8,7 млрд. сомониро ташкил дода, афзоиши онҳо мутаносибан бо пули миллӣ 25,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 26,0 фоизро ташкил дод. Новобаста аз афзудани ҳаҷми амонату пасандозҳои асъорӣ, сатҳи долларизатсияи амонату пасандозҳо ё худ ҳиссаи амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ дар ҳаҷми умумии онҳо 44,5 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ бетағйир монд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши ҷалби пасандозҳои аҳолӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ бо рушди фаъолнокии иқтисодиёт, устувории қурби пули миллӣ, барқарорёбии фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва эътимоди аҳолӣ ба он бо назардошти мунтазам бозгаштани маблағҳои нақдии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва татбиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", инчунин афзоиши фоизҳои пасандозҳои бонкӣ бинобар афзоиши талабот ба қарз алоқамандӣ дошт.

Дар соли 2023 афзоиши ҳаҷми амонату пасандозҳо дар ҳамаи категория ва намудҳои он мушоҳида гардид. Аз ҷумла, амонатҳои дархостшаванда, ки асосан аз маблағҳои бахши корпоративӣ (яъне, шахсони ҳуқуқӣ) иборатанд, 6,4 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 10,9 фоиз афзуданд.

**Сохтори пасандозҳо аз рӯи намуд, млрд. сомонӣ** (манбаъ: БМТ)




**Суръати афзоиши солонаи пасандозҳо аз рӯи намуд, бо фоиз** (манбаъ: БМТ)



Дар баробари ин, афзоиши солонаи амонатҳои пасандозӣ ва муҳлатнок, ки асосан аз маблағҳои шахсони воқеӣ иборат мебошанд, мувофиқан 31,2 фоиз ва 29,0 фоизро ташкил дода, ҳаҷми онҳо дар умум ба 10,8 млрд. сомонӣ расид. Ҳамзамон, амонатҳои дигар, ки асосан бахши давлатӣ мебошанд, ба андозаи 58,1 фоиз зиёд шуда, маблағи 2,3 млрд. сомониро ташкил доданд.

Дар сохтори пасандозҳои муҳлатнок афзоиши назарраси пасандозҳои дарозмуҳлат (зиёда аз 1 сол) ба андозаи 61,2 фоиз, пеш аз ҳама бо пули миллӣ мушоҳида гардид. Амонатҳои дархостшаванда ва амонатҳои пасандозӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ мувофиқан 2,7 фоиз коҳиш ва 33,0 фоиз зиёд шуда, бо асъори хориҷӣ бошад мутаносибан 20,7 фоиз ва 28,6 фоиз афзуданд.

**Сохтори пасандозҳои муҳлатнок, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)**




**Сохтори пасандозҳои муҳлатнок аз рӯи асъор, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)**




**Сохтори амонатҳои дархостшаванда аз рӯи асъор, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**




**Сохтори амонатҳои пасандозӣ аз рӯи асъор, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**



Агар ба сохтори амонату пасандозҳо аз рӯи моликият назар намоем, он гоҳ мебинем, ки ҳаҷми амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ раванди афзоиши устувор дошт. Бақияи умумии амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ 10,5 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 30,5 фоиз зиёд гардид. Ҳаҷми амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад 8,9 млрд. сомониро ташкил дода, он аз ҳисоби афзоиши амонатҳои дархостшаванда ва бахши давлатӣ ба андозаи 20,1 фоиз афзуд.

**Сохтори амонату пасандозҳо аз рӯи моликият, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)**




**Суръати афзоиши амонату пасандозҳо аз рӯи моликият, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**










Дар соли баррасишаванда меъёри фоизи миёнавазн аз рӯи пасандозҳои (мӯҳлатноки) ҷалбнамудаи ташкилотҳои қарзӣ бо пули

миллӣ нисбатан афзоиш ёфта 13,14 фоизро ташкил дод (10,43 фоиз дар интиҳои соли 2022). Афзоиши талаботи ташкилотҳои қарзӣ ба маблағҳои озод бинобар рушди фаъолияти қарздиҳии онҳо аз омилҳои ба тағйирёбии нисбии меъёри фоизи пасандозҳо таъсиррасон буд.

Меъёри фоизи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ бошад дар интиҳои сол ба 4,25 фоиз баробар шуда, ин нисбат ба интиҳои соли қаблӣ қариб бетағйир боқӣ монд.

**Меъёри фоизи миёнавазни пасандозҳои муҳлатнок, солона** (манбаъ: БМТ)




Дар соли ҳисоботӣ вобаста ба рушди ҷалби пасандозҳои аҳолӣ фаъолияти қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ дар доираи нишондиҳандаҳои назаррас идома ёфт.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2023 бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 17,8 млрд. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта ба андозаи 31,4 фоиз асосан аз ҳисоби қарзҳои истеъмолӣ афзуд.

Дар сохтори сандуқи қарзӣ бақияи қарзҳои бо пули миллӣ додашуда 12,0 млрд. сомониро ташкил дода, афзоиши солонаи он 23,6 фоизро ташкил дод. Ҳамзамон, бақияи қарзҳои бо асъори хориҷӣ додашуда 5,8 млрд. сомониро ташкил дода, он нисбат ба интиҳои соли гузашта 51,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Сатҳи долларизатсияи қарзҳо ё худ ҳиссаи қарзҳо бо асъори хориҷӣ дар ҳаҷми умумии қарзҳо 32,7 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 4,3 банди фоизӣ афзоиш ёфт.

**Тағйирёбии бақияи қарзҳо, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)**




**Суръати афзоиши солонаи қарзҳо, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**




Меъёри фоизи миёнавазни қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ дар соли баррасишаванда дар маҷмуъ бетағйир боқӣ монда, бо пули миллӣ 23,2 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 11,81 фоизро ташкил дод .

**Меъёри фоизи миёнавазни қарзҳо, фоизи солона (манбаъ: БМТ)**



# Вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва таъмини фаъолияти муназзами он

## 2. ВАЗЪИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ МУНАЗЗАМИ ОН

Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо аз механизмҳое мебошад, ки зарурат ва эътимоднокии худро дар ҷаҳон собит намудааст. Низоми мазкур пасандоздоронро аз хавфи талафи пасандозҳои суғурташуда тавассути пардохти ҷубронпулӣ дар сурати дучор шудани ташкилоти қарзӣ бо мушкилии қобилияти пардохтпазирӣ ва барҳамхӯрӣ муҳофизат мекунад.

Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо якҷоя бо механизмҳои танзиму назорати пруденсиалӣ, дастгирии пардохтпазирӣ (қарздеҳи сатҳи охирин) ва батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ, низоми нигоҳдории суботи молиявиро[2] ташкил медиҳад.

Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ҳамчун ҷузъи муҳими низоми нигоҳдории суботи молиявӣ дар зиёда аз 140 кишвари ҷаҳон амал мекунад. Дар баробари ин, яке аз ҳадафҳои асосии он коҳиш додани хатари ваҳму таҳлука миёни омма ва пешгирии ба таври занҷирӣ гузаштани мушкилот аз як ташкилоти қарзӣ ба дигар ташкилотҳо ҳангоми дар он ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ба ҳисоб меравад. Умуман, устувории низоми суғуртаи амонату пасандозҳо боварии пасандоздоронро ба низоми бонкӣ таҳким дода, ба ин васила ба афзоиши ҳаҷми пасандозҳои низоми бонкӣ мусоидат мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми суғуртаи амонату пасандозҳо бо таъсиси Хазина дар соли 2004 ва ҷорӣ намудани қонунгузории он фаъолияти худро шурӯъ намуд. Хазина ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ бо мақсади ҳифзи пасандоздорон аз хавфи талафи пасандозҳои суғурташуда ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ таъсис дода шуда, фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” амалӣ менамояд.

---

[2] *Ба истилоҳи байналмилалӣ: “Financial safety net”*

Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо аз иштирокчиёни зерин иборат аст: Хазина, ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина ва пасандоздорон.

Хазина ҳамчун ниҳоди танзимкунандаи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва пешбарандаи феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми мазкур, фаъолияти худро дар соли 2023 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо", дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои Шӯрои нозирони Хазина бо мақсади таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар амалӣ намуд.

Дар соли ҳисоботӣ бинобар қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ", доираи объектҳои ҳатмии суғурта васеъ шуда, дар қатори пасандозҳои шахсони воқеӣ, инчунин суратҳисобҳои амонатию пасандозии соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо суғуртакунӣ фаро гирифта шуданд.

Илова бар ин, андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ зиёд карда шуда, он новобаста аз намуди асъор дар як андозаи муайян - на бештар аз 35 000 сомонӣ муқаррар карда шуд.

Бо назардошти васеъ гардидани фарогирии суғуртавӣ ва зиёдшавии андозаи ҷубронпулии суғурта, раванди афзоиши назарраси ҳаҷми амонату пасандозҳо ва шумораи пасандоздорони суғурташуда мушоҳида гардид. Вобаста ба ин, уҳдадории суғуртавии Хазина нисбат ба соли қаблӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт.

Дар навбати худ, дар шароити муътадилии вазъи низоми бонкӣ ва ба вуқуъ наомадани ҳолатҳои суғуртавӣ, дар соли 2023 афзоиши ҳаҷми пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ва дороиҳои Хазина низ раванди устуворро нишон дод.

## 2.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Ба ҳолати интиҳои соли 2023 дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо 32 ташкилоти қарзӣ дохил карда шуд, ки аз онҳо 12 адад бонк, 19 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ва 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) мебошанд.

**Шумораи ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, дар интиҳои давра** (манбаъ: Хазина)




Қайд кардан лозим аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби амонату пасандозҳо дорад, узви Хазина мебошад. Айни замон, ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ, ба истиснои бонкҳое, ки муассисашон давлат аст, иштирокчиёни низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо мебошанд.

Дар давраи баррасишаванда се адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шомил гардида, як адад ТАҚХ бинобар табдилёбӣ ба ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) аз Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми

суғуртаи амонату пасандозҳо (минбаъд - Феҳрист) хориҷ карда шуда, мувофиқан як ТҚҒ нав ба он дохил карда шуд. Ҳамзамон, як ТАҚХ бинобар бозхонди иҷозатномаи он аз Феҳристи мазкур хориҷ карда шуд. Аз ҷумла, дар соли ҳисоботӣ дар Феҳрист тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд:

- дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2022, №141 оиди додани иҷозатнома ба ҶСП ТАҚХ "Шукр Молия" барои анҷом додани амалиёти бонкӣ, ба ҶСП ТАҚХ "Шукр Молия" аз санаи 23 январи соли 2023 Тасдиқномаи узвият дар Хазина тахти №066 дода шуда, он ба Феҳристи узвияти Хазина дохил карда шуд;

- дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, №151 оиди додани иҷозатнома ба ҶДММ ТҚҒ "Васл" барои анҷом додани амалиёти бонкӣ, ба ҶДММ ТҚҒ "Васл" аз санаи 24 январи соли 2023 Тасдиқномаи узвият дар Хазина тахти №067 дода шуда, он ба Феҳрист дохил карда шуд. Вобаста ба ин, Тасдиқномаи ҶДММ ТАҚХ "Васл" бинобар табдилёбӣ ба ҶДММ ТҚҒ "Васл" аз эътибор соқит дониста шуд;

- дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2022, №140 оиди додани иҷозатнома ба ҶДММ ТАҚХ "Эмин Сармоя" барои анҷом додани амалиёти бонкӣ, ба ҶДММ ТАҚХ "Эмин Сармоя" аз санаи 08 феврали соли 2023 Тасдиқномаи узвият дар Хазина тахти №068 дода шуда, он ба Феҳристи узвияти Хазина дохил карда шуд;

- дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2023, №47 оиди додани иҷозатнома ба ҶДММ ТАҚХ "Баракат Молия" барои анҷом додани амалиёти бонкӣ, ба ҶДММ ТАҚХ "Баракат Молия" аз санаи 19 сентябри соли 2023 Тасдиқномаи узвият дар Хазина тахти №069 дода шуда, он ба Феҳристи узвияти Хазина дохил карда шуд;

- дар давраи баррасишаванда як адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурди ҶДММ ТАҚХ "Тамвил" бинобар бозхонд кардани иҷозатномаи он барои анҷом додани амалиёти бонкӣ дар асоси барҳамдиҳии ихтиёрӣ (қарори Раёсати БМТ аз 12.05.2023 сол) аз Феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазина хориҷ карда шуд.

## ФЕҲРИСТИ
## ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ба ҳолати 31 декабри соли 2023

| № | Номгӯи ташкилоти қарзӣ | Тасдиқнома |
|---|---|---|
| | **Бонкҳо** | **№** |
| 1 | ҶСК ”Ориёнбонк” | 002 |
| 2 | ҶСК ”Бонки Эсхата” | 006 |
| 3 | ҶСП ”Аввалин бонки молиявии хурд” | 007 |
| 4 | ҶСП ”Бонки рушди Тоҷикистон” | 010 |
| 5 | ҶСП ”Спитамен Бонк” | 013 |
| 6 | ҶСП Бонки "Арванд" | 025 |
| 7 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 055 |
| 8 | ҶСК “Алиф Бонк” | 056 |
| 9 | ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 058 |
| 10 | Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 060 |
| 11 | ҶСП ”Душанбе Сити Бонк” | 064 |
| 12 | ҶСП “Актив Бонк” | 070 |
| | **Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ** | |
| 13 | ҶДММ ТҚҒ "Васл" | 067 |
| | **Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд** | |
| 14 | ҶСП ТАҚХ “Ҳамров” | 016 |
| 15 | ҶДММ ТАҚХ “Фазо С” | 020 |
| 16 | ҶДММ ТАҚХ ”Финка” | 022 |
| 17 | ҶДММ ТАҚХ ”Зудамал” | 023 |
| 18 | ҶДММ ТАҚХ “Матин” | 026 |
| 19 | ҶДММ ТАҚХ “Арғун” | 027 |
| 20 | ҶДММ ТАҚХ “Сомон-Тиҷорат” | 038 |
| 21 | ҶДММ ТАҚХ “Азизӣ-Молия” | 041 |
| 22 | ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 044 |
| 23 | ҶДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | 045 |
| 24 | ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" | 046 |
| 25 | ҶДММ ТАҚХ "Сарват М" | 049 |
| 26 | ҶСП ТАҚХ "Ардо-Капитал" | 059 |
| 27 | ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гурух" | 062 |
| 28 | ҶСП ТАҚХ "Фируз" | 063 |
| 29 | ҶСП ТАҚХ "Сандуқ" | 065 |
| 30 | ҶСП ТАҚХ “Шукр Молия” | 066 |
| 31 | ҶДММ ТАҚХ “Эмин Сармоя” | 068 |
| 32 | ҶДММ ТАҚХ “Баракат Молия” | 069 |

## 2.2. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулии суғурта

Хазина мутобиқи Қонун ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда таъмин менамояд. Бо ин роҳ Хазина мақсадҳои сиёсати давлатиро дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон амалӣ менамояд.

Дар давраи солҳои 2016-2023 дар 18 ташкилоти қарзии узви Хазина, ки бинобар асосҳои маҷбурӣ барҳам дода шуда буданд, аз тарафи Хазина ба 15 377 нафар пасандоздорони суғурташуда ба маблағи умумии 212,1 млн. сомонӣ ҷубронпулии суғурта пардохт карда шуд.

**Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон дар солҳои 2016-2023, бо млн. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




Дар соли ҳисоботӣ ягон ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ба вуқуъ наомад, ки дар маҷмуъ ин аз фаъолияти босуботу устувори низоми бонкӣ дарак медиҳад.

Ҳамзамон, дар давоми соли баррасишаванда пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”, ки бо сабабҳои

фавқулода дар мўҳлатҳои пешбинишуда барои гирифтани ҷубронпулӣ мурочиат карда натавонистанд, идома ёфт. Аз ҷумла, бо назардошти пешниҳоди аризаи пасандоздорон оиди тамдиди мўҳлати мурочиат барои гирифтани ҷубронпулии суғурта, Хазина дар асоси муқаррароти моддаи 26-и Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” аризаҳои 60 нафар пасандоздорони мурочиаткардаро қонеъ карда, ба онҳо ба маблағи 958,2 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намуд. Аз соли 2021 то интиҳои соли 2023 бошад, Хазина ба 13 098 нафар пасандоздорони бонкҳои барҳамхўрдаи ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ва ҶСК “Агроинвестбонк” ба маблағи 188,65 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст, ки ин мувофиқан 91,0 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии ҳисобшударо ташкил медиҳад (аз ҷумла, ба АИБ - 133,48 млн. сомонӣ ва ТСБ – 55,17 млн. сомонӣ).

## Раванди қонеъгардии талаби Хазина аз рўи маблағҳои пардохташудаи ҷубронпулии суғурта

Тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҳуқуқи талаби манфиатҳои пасандоздор баробар ба андозаи маблағи пардохташудаи ҷубронпулӣ ҳамчун суброгатсия ба Хазина вогузор карда шуда, талаботи мазкури Хазина тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” аз ҷониби мудири махсус ё барҳамдиҳанда қонеъ карда мешавад. Талаботи мазкур дар асоси принсипҳои асосии суғуртакунии пасандозҳо, ки аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунадагони пасандозҳо қабул шудааст ворид гардида, аз тарафи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ҳамчун меъёри маъмулӣ эътироф шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди қонеъ гардонидани талаби Хазина ҳамчун қарздеҳ ғайриқаноатбахш боқӣ монда, ба интиҳои соли 2023 аз шумораи ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда ҳамагӣ 6-тои он (ҶДММ ТАҚХ “Баракат”, ҶСП ТАҚХ "Дафтари молиявӣ", ҶДММ ТАҚХ “Молия ва сармоя”, ҶДММ ТАҚХ “Тиҷорат”, ҶСП “Бонки Осиё” ва ҶСП "Кафолатбонк") талаби Хазинаро пурра иҷро намудаанд. Инчунин, аз ҷониби як ташкилоти қарзии барҳамхўрда (ҶСК "Фононбонк")

талаботи Хазина қисман ба андозаи баробар ба 8,9 фоизи ҷубронпулии ба пасандоздорони ин бонк пардохтшуда қонеъ карда шудааст. Дар умум, маблағи қонеъкардашудаи ташкилотҳои қарзии барҳамхӯрда ҳамагӣ 1,1 млн. сомонӣ ё худ 0,5 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии аз ҷониби Хазина ба ташкилотҳои қарзии барҳамхӯрда пардохтшударо (212,1 млн. сомонӣ) ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаи бениҳоят паст арзёбӣ мегардад.

Вобаста ба ин, яке аз самтҳое, ки пайваста ба таҷдиди назар ва ислоҳотҳои куллӣ тақозо дорад, ин бо истифода аз таҷрибаи муваффақи ҷаҳонӣ таъмини самаранокӣ ва шаффофияти раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзии муфлисшуда мебошад. Дар навбати худ, ин метавонад ба устувории молиявии Хазина ва зиёд шудани боварии аҳолӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо таъсири мусбӣ расонад.

## 2.3. Суғурта гардидани амонату пасандозҳо аз ҷониби Хазина

Дар соли ҳисоботӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо афзоиши назарраси ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда ва шумораи пасандоздорон ба қайд гирифта шуд. Раванди мазкур асосан бо омилҳои мусбии зерин вобаста буд:

- фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва мунтазам зиёд шудани эътимоди аҳолӣ, ҷалби пасандоздорон вобаста ба пешниҳоди хизматрасониҳои бонкии ҷолибнок;

- қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 02.07.2021, №1802 ва тамдиди муҳлати амали он (тағйиру иловаҳо аз 20.06.2022, №1888 ва 22 июни соли 2023, №1967) ва таъсири мусбии он ба ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисодиёт;

- қабули Қонуни ҶТ “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, ки дар натиҷа миқёси фарогирии суғурта васеъ гардида, соҳибкорони инфиродӣ, субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои

ғайритиҷоратӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳои дохил карда шуданд.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2023 ҳаҷми умумии маблағи амонату пасандозҳои аз ҷониби Хазина суғурташуда 8,8 млрд. сомониро ташкил дод, ки аз он ҳиссаи афзалиятнок - 94,1 фоиз ба амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ ва боқимонда 5,9 фоиз ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ (соҳибкорони инфиродӣ, субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) рост меояд. Ҳамин тариқ фарогирии суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина 45,1 фоизи ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои дар низоми бонкиии кишвар мавҷударо дар бар гирифт (ҳаҷми пасандозҳои низоми бонкӣ 19,5 млрд. сомониро ташкил медиҳад).

**Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи моликият** (манбаъ: Хазина)




Ҳаҷми амонату пасандозҳои суғурташуда бе назардошти суратҳисобҳои амонатию пасандозие, ки тибқи моддаи 24-и Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҷуброн карда намешаванд, 8,2 млрд. сомониро ташкил дода, шумораи пасандоздорони суғурташуда ба 2,1 млн. нафар расид. Дар муқоиса ба интиҳои соли 2022

маблағи амонату пасандозҳои суғурташуда 78,5 фоиз ва шумораи пасандоздорони суғурташуда бошад 71,0 фоиз зиёд гардид.

**Ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда, млрд. сомонӣ (манбаъ: Хазина)**




**Шумораи пасандоздорони суғурташуда, ҳаз. нафар (манбаъ: Хазина)**




Дар сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуди асъор ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ 63,1 фоизи маблағи умумии пасандозҳои суғурташударо ташкил дод. Ҳиссаи амонату пасандозҳои асъорӣ бошанд 36,9 фоизи маблағи умумии пасандозҳои суғурташударо ташкил дод.

**Сохтори асъории пасандозҳои суғурташуда, млрд. сомонӣ (манбаъ: Хазина)**




Аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи пасандоздорони дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра суғурташуда 98,4 фоиз ва ҳиссаи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд буда қисман ҷуброн карда мешаванд, 1,6 фоизи шумораи умумии пасандоздоронро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шумораи аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда мешавад.

**Шумора ва ҳиссаи пасандоздорони дар доираи андозаи ҷубронпулӣ суғурташуда, ҳаз. нафар ва бо фоиз** (манбаъ: Хазина)




**Ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда аз рӯи тақсимоти маблағ** (манбаъ: Хазина)




**Шумораи пасандоздорони суғурташуда аз рӯи тақсимоти маблағ** (манбаъ: Хазина)




Бояд қайд намуд, ки аз ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои суғурташуда ҳиссаи бештар 85,8 фоиз ба бонкҳо рост меояд (дар соли 2022 – 79,8 фоиз). Аз рӯи шумора низ ҳиссаи зиёдтари пасандоздорон 90,6 фоиз ба бонкҳо рост меояд. Ғайр аз ин, ҳаҷми асосии пасандозҳои

суғурташуда аз рӯи ташкилотҳои қарзӣ асосан миёни якчанд ташкилот таҷаммуъ шудааст, аз ҷумла 77,0 фоизи пасандозҳои суғурташуда ба шаш ташкилоти қарзӣ рост меояд.

**Таҷаммуи пасандозҳои суғурташуда, бо фоиз** (манбаъ: Хазина)




## Ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина

Мутобиқи моддаи 22-и Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда на бештар аз 35 000 сомонӣ муайян гардидааст. Дар маҷмуъ аз соли 2015 то инҷониб андозаи ҷубронпулӣ 2,5 маротиба зиёд шуда, он дар навбати худ боиси афзоиши ҳаҷми ӯҳдадориҳои потенсиалии Хазина аз рӯи пасандозҳои суғурташуда низ гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки зиёд гардидани андозаи ҷубронпулӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, тавсеа додани фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо ва баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар равона гардидаст.

**Афзоиши андозаи ҷубронпулии суғурта, бо ҳаз. сомонӣ (манбаъ: Хазина)**




Ба ҳолати 31 декабри соли 2023 маблағи умумии уҳдадориҳои суғуртавии Хазина (уҳдадориҳои потенсиалӣ) аз рӯи пардохти ҷубронпулӣ дар назди пасандоздорони суғурташуда 3 280,5 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 63,1 фоиз зиёд гардид. Сабаби асосии афзоиши уҳдадории Хазина асосан бо зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда ва андозаи ҷубронпулӣ алоқаманд мебошад.

Уҳдадории потенсиалии Хазина аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта дар назди бонкҳо 86,2 фоизи ҳаҷми умумии уҳдадориҳоро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, уҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи маблағи амонату пасандозҳое, ки дар доираи андозаи маблағи ҷубронпулианд, 2 143,6 млн. сомонӣ ё худ 65,3 фоизи ҳамаи уҳдадориҳоро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, уҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи

маблағи амонату пасандозҳое, ки аз доираи андозаи ҷубронпулӣ зиёданд, 1 136,9 млн. сомонӣ ё худ 34,7 фоизи ҳамаи ӯҳдадориҳоро ташкил медиҳанд.

**Сохтори ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи ташкилот, млрд. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




**Сохтори ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи тақсимот** (манбаъ: Хазина)




Ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда дар соли ҳисоботӣ 40,2 фоизро ташкил дод (дар соли қаблӣ 44,9 фоиз буд).

**Таносуби ӯҳдадории Хазина нисбат ба кулли пасандозҳои суғурташуда, бо %** (манбаъ: Хазина)




**Таносуби дороиҳои Хазина нисбат ба ӯҳдадориҳои суғуртавӣ, бо %** (манбаъ: Хазина)




Инчунин, таносуби дороиҳои Хазина нисбат ба ӯҳдадориҳои суғуртавии потенсиалӣ ба 6,3 фоиз расид, ки ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки байни афзоиши дороиҳо ва ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина

номутаносибӣ ҷой дорад. Аз ин лиҳоз, минбаъд Хазинаро зарур аст, ки дар самти зиёд намудани дороиҳо ҷиҳати тадриҷан бартараф намудани номувофиқатии ҷойдошта тадбирҳои мушаххас андешид.

## 2.4. Арзёбии пардохтҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина

Мутобиқи моддаи 16-и Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина бояд ҳар семоҳа ба андозаи 0,1 фоиз барои амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва 0,3 фоиз барои амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ, ки бояд суғурта шаванд, пардохтҳои тақвимии бебозгаштро ба Хазина пардохт намоянд.

Хазина пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзиро бевосита барои ташаккули захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда равона намуда, маблағи ҷамъоварда бо мақсади иҷрои вазифаҳои пешбининамудаи қонуни болозикр, пеш аз ҳама пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамхӯрда истифода бурда мешавад.

Бо дарназардошти ин, дар соли 2023 тибқи маълумотҳои даврии соли ҳисоботӣ ҳаҷми пардохтҳои тақвимии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина пардохташуда 51,3 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли қаблӣ 1,9 маротиба афзудааст. Афзоиши пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ, бахусус бо асъори хориҷӣ мушоҳида гардид. Аз ҷумла, аз ҳаҷми умумии пардохтҳои тақвимии пардохтшуда 28,7 фоиз ба пули миллӣ ва 71,3 фоиз ба асъори хориҷӣ рост омад (нишондиҳандаҳои мазкур дар соли қаблӣ мувофиқан 37,8 фоиз ва 62,2 фоизро ташкил дода буданд).

Афзоиши мазкури пардохтҳои тақвимӣ асосан бо ворид гардидани тағйиру иловаҳои ба Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" ва зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳои суғурташавандаи шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки дар диаграммаи поён фарқияти байни пардохтҳои тақвимии ҳисобшуда ва пардохташудаи ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 2015-2021 асосан бо ҳолати бади бонкҳои

мушкилотдори барҳамдодашуда, ки талаботи Қонунро аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ саривақт иҷро карда натавониста буданд, алоқамандӣ дошт.

**Тамоюли пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии узви Хазина, бо млн. сомонӣ**




## 2.5. Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина

Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина яке аз самтҳои асосии фаъолияти Хазина ҷиҳати муайян намудани дараҷаи риоя гардидани талаботҳои Хазина аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, ба ҳисоб меравад.

Бахри таъмини фаъолияти пурсамари низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва назорати иҷрои санадҳои меъёрии Хазина аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, кормандони Хазина дар соли сипаришуда дар асоси супоришномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар санҷишҳои нақшавии 28 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 12 бонк, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ва 15 ташкилоти амонатии қарзии хурд иштирок намуданд (дар соли 2022 вобаста ба амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ”, фаъолияти ҳамагӣ 6 ташкилоти қарзӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда буд).

Дар рафти санҷишҳои ташкилотҳои қарзӣ тибқи “Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар самти суғуртаи амонату пасандозҳо” масъалаҳои зерин баррасӣ шуданд:

- саривақт ва пурра аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ гузаронидани пардохтҳо ба Хазина;

- пешбурди баҳисобгирии уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон ва омодагии ташкилоти қарзӣ ҷиҳати саривақт тибқи тартиби муқарраршуда омода намудани феҳристи уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорони суғурташуда.

- пешбурди руйхати шахсони вобастаи ташкилоти қарзӣ;

- аз ҷониби ташкилоти қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон дар бораи иштироки худ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва санҷиши сатҳи дониши кормадони ташкилоти қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо.

Натиҷаҳои санҷиши ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2023 нишон медиҳад, ки камбудиҳои асосӣ дар самтҳои зерин ҳанӯз ҷой доранд:

- пурра ва дуруст баҳисобгирӣ ва омода нагардидани Феҳристи пасандоздорони суғурташуда тибқи тартиби аз ҷониби Хазина муқарраршуда, таъмин нагардидани пуррагӣ ва дурустии вориди маълумот дар бораи пасандоздорон ба Феҳрист, аз он ҷумла оид ба мушаххасоти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва рақами мушаххасоти андозсупоранда;

- аз тарафи ташкилотҳои қарзии алоҳида саривақт ва пурра иҷро намудани уҳдадорӣ дар назди Хазина аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ;

- дар шартномаҳои пасандозӣ ва кортӣ на ҳама вақт дарҷ шудани банди алоҳида оид ба суғурта шудани пасандозҳо, нокифоя будани дониши кормандон оиди низоми суғуртаи амонату пасандозҳо.

Хазина дар навбати худ аз рӯи натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда, алалхусус ба талабот нисбати таҳияи Феҳристи пасандоздорони суғурташуда тибқи тартиби аз ҷониби Хазина муқарраршуда ба роҳбарияти ташкилотҳои қарзӣ бароиислоҳи камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои мушаххас пешниҳод намуд.

# Таъмини иҷрои дигар вазифаҳои Хазина

# 3. ТАЪМИНИ ИҶРОИ ДИГАР ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНА

## 3.1. Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии Хазина

Бахри танзиму тавсеаи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва тақвияти заминаи молиявию институтсионалии Хазина, дар соли 2023 дар самти такмили қонунгузорӣ ислоҳоти куллӣ тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ", ба амал баровварда шуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина бо пешниҳоду тавсияҳои мутахассисони байналмилалӣ дар доираи лоиҳаҳои кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ ва матритсаи чораҳои сиёсии «Барномаи таҳкими бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ»-и Бонки осиёии рушд таҳия гардида, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 15 марти соли 2023 таҳти №1961 ба имзо расонида шуд. Қонуни мазкур пас аз 3 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор гирифт.

Тағйиру иловаҳои воридшуда пеш аз ҳама бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, тавсеа додани фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, васеъ намудани миқёси фарогирии суғуртавии пасандоздорон, таҳкими устувории молиявии Хазина ва зиёд намудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар равона гардид.

Аз ҷумла, мутобиқи тағйиру иловаҳо ба қонун доираи объектҳои ҳатмии суғурта васеъ гардида, дар қатори амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ суратҳисобҳои амонатию пасандозии соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо дохил карда шуданд.

Илова бар ин, андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ зиёд карда шуда, дар як андозаи муайян - на бештар аз 35 000 сомонӣ муқаррар гардид.

Вобаста ба ин, номи қонун дар таҳрири нав — «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» ва Хазина ҳамчун "Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон" муайян карда шуд.

Дар Қонун тағйиру иловаҳои асосии зерин ворид карда шуданд:

- бо назардошти васеъ гардидани доираи объектҳои ҳатмии суғурта ва субъектони суғурташаванда, дар моддаи 1 мафҳумҳои «пасандоздор», «пасандозҳои суғурташуда» мутобиқи муҳтавои Қонун дар таҳрири нав ифода карда шуда, шарҳи мафҳумҳо ба монанди «амонат», «низоми суғуртаи амонату пасандозҳо» ва «бонк-агент» илова карда шудаанд;

- тағйиру иловаҳои дар қисмҳои дахлдори моддаи 4 воридгардида мақоми ҳуқуқии Хазина, ташкили ҳамкорӣ ва муносибатро бо ташкилотҳои қарзӣ, ки бояд ба таври ҳатмӣ ва бидуни шартномаи ҳамкорӣ сурат гирад, такмил дод;

- дар моддаи 5 мақсадҳои Хазина мукаммал гардонида шудаанд, аз ҷумла дар баробари дигар мақсадҳо - таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз мақсадҳои Хазина муайян карда шуд;

- дар моддаи 7 манбаҳои маблағҳои Хазина ба таври мураттаб ва васеъ муайян карда шуда, андозаи ҳадди аксари маблағҳои Хазина ба андозаи ҳафт фоизи маблағи умумии амонату пасандозҳои суғурташуда, ки дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина мавҷуд аст, муқаррар карда шуд (қаблан ин андоза ба ҳафт фоизи ҳамаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар шуда буд). Инчунин, дар моддаи мазкур муқарraроти иловагии муҳим, ки дар ҳолати аз ҳафт фоиз зиёд гардидани андозаи ҳадди аксари маблағҳои Хазина қарори Шӯрои нозирони Хазина дар

бораи кам кардан ё боздошти супоридани пардохтҳои тақвимӣ қабул карда мешавад, ворид карда шуд;

- дар таҳрири нави моддаи 10 воситаҳои молиявии сармоягузории Хазина бо илова шудани амонатҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматноки созмонҳои молиявии байналмилалии боэътимод, васеъ гардидаанд;

- тибқи моддаи 15 ташкилотҳои қарзии дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ (ба истиснои табдилдиҳӣ) таъсисёфта ва бонки мутавассит аз пардохти ҳаққи узвият озод карда шуданд;

- таҳрири нави қисми 1 моддаи 16 ташкилотҳои қарзиро вазифадор кардааст, ки ҳар семоҳа 0,1 фоиз барои амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва 0,3 фоиз барои амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ аз рӯйи бақияи миёнаи семоҳаи гузаштаи онҳо, ки дар ташкилоти қарзӣ мавҷуданд ва бояд суғурта шаванд, пардохтҳои тақвимии бебозгаштро бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ пардохт намоянд. Инчунин, мӯҳлати пардохти пардохтҳои тақвимӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба суратҳисоби Хазина то санаи понздаҳуми моҳи якуми пас аз семоҳаи анҷомёфта, муайян гардид (қаблан ин мӯҳлат то санаи бистуми моҳи пас аз семоҳаи анҷомёфта буд);

- ҳамкории Хазина бо Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ дар натиҷаи риоя нагардидани талаботи Қонуни мазкур оид ба мӯҳлатҳои анҷом додани пардохтҳо ва пешниҳоди ҳисобот аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, ҳамчун самти муҳим бо такмил додани моддаи 20 мушаххас танзим карда шуд;

- дар моддаи 21(1) доираи объекти ҳатмии суғурта ва объектҳоеро, ки ба объекти ҳатмии суғурта дохил намешаванд, мушаххас карда шуд;

- мутобиқи моддаи 22, тавре дар боло қайд гардид, андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ новобаста аз асъор ва субъект ба таври равшану возеҳ дар як андозаи мушаххас, яъне на бештар аз 35000 сомонӣ муқаррар шуда, баробарии амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ таъмин гардид. Инчунин, андозаи ҷубронпулӣ, ки дар ҳамин модда муайян шудааст, давра ба давра, вале на камтар аз як маротиба дар се

сол бо дарназардошти раванди рушди низоми бонкию молиявӣ ва иқтисодии кишвар, дар сурати зарурат аз нав дида баромада мешавад;

- такмили қисми 3 моддаи 25 муҳлати оғоз гардидани пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздоронро муайян намудааст, ки он на дертар аз 14 рӯзи пас аз ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавиро дар бар мегирад;

- дар моддаи 26 ҳолатҳои тамдиди муҳлати пешниҳоди дархост барои гирифтани ҷубронпулӣ ҳангоми дар хориҷи кишвар, дар хизмати ҳарбӣ, дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарор доштани пасандоздор, ҳамчунин бо сабабҳои ба мерос алоқаманд, ки ба пасандоздор ҷиҳати гирифтани ҷубронпулии суғурта барои сари вақт муроҷиат кардан имкон намедиҳад, мушаххас пешбинӣ гардидааст;

- дар моддаи нави 40(1) қонун бо мақсади пурзӯр намудани идоракунии корпоративӣ дар Хазина ва ҷорӣ намудани раванди ташкили назорати дохилӣ, муқаррарот оид ба аудити дохилӣ ворид карда шудааст.

Вобаста ба қабули Қонуни болозикр, Хазина дар соли 2023 тибқи Нақшаи чорабиниҳои тасдиқшуда оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии худ маҷмӯи чорабиниҳои амалию ташкилиро ҷиҳати ҷавобгӯ намудани санадҳои меъёрӣ ба талаботи Қонун андешид. Дар натиҷа як қатор санадҳои меъёрии Хазина такмил дода шуда, онҳо бо қарорҳои Шӯрои нозирони Хазина аз нав тасдиқ карда шуданд, аз он ҷумла:

- Оинномаи Хазина (қарори Шӯрои нозирон аз 19.06.2023, №8);

- Дастури Шӯрои нозирони Хазина (қарори Шӯрои нозирон аз 19.06.2023, №9);

- Низомнома "Дар бораи Кумитаи сармоягузории Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон" (қарори Шӯрои нозирон аз 19.06.2023,№10);

- Барномаи интишори маълумот барои оммаи васеъ дар бораи нақши изоми суғуртаи амонату пасандозҳо (қарори Шӯрои нозирон аз 19.06.2023,№11);

- Дастурамал “Дар бораи сиёсати Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон оид ба бархӯрди манфиатҳо” (қарори Шӯрои нозирон аз 19.06.2023, №11);

- Кодекси одоби хизматӣ ва этикаи кории кормандони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (қарори Шӯрои нозирон аз 19.06.2023, №11);

- Методикаи баҳодиҳии андозаи ҳадди ақали кифоятии маблағи Хазина суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (қарори Шӯрои нозирон аз 19.06.2023, №11);

- Тартиби ҳамкории Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон бо бонк-агентҳо ҳангоми пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда (қарори Шӯрои нозирон аз 19.06.2023, №11);

- Дастурамал “Дар бораи пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон” (қарори Шӯрои нозирон аз 11.08.2023, №12);

- Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (қарори Шӯрои нозирон аз 11.08.2023, №13);

- Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ (қарори Шӯрои нозирон аз 11.08.2023, №14);

- Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар самти суғуртаи амонату пасандозҳо (қарори Шӯрои нозирон аз 11.08.2023, №15);

- Тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (қарори Шӯрои нозирон аз 11.08.2023, №16);

- Тартиби пешбурди Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (қарори Шӯрои нозирон аз 11.08.2023, №17);

- Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ (қарори Шӯрои нозирон аз 28.11.2023, №18);

- Тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли вазифаҳои холӣ дар Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (қарори Шӯрои нозирон аз 28.11.2023, №19).

## 3.2. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина

Фаъолияти сармоягузорӣ яке аз вазифаҳои муҳими Хазина ҷиҳати андӯхти маблағҳои озоди пулӣ тавассути идораи самаранок ва ҷойгиркунонии он ба ҳисоб меравад. Дар соли 2023 Хазина бо мақсади гирифтани даромад маблағҳои озоди худро дар доираи имкониятҳои мавҷудаи бозори молиявӣ, сармоягузорӣ кард.

Тибқи Қонун Хазина маблағҳои худро метавонад ба коғазҳои қиматноки давлатӣ, коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон, коғазҳои қиматноки давлатҳои хориҷӣ ё бонкҳои марказии (миллии) хориҷии бонуфуз, амонатҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ва коғазҳои қиматноки созмонҳои молиявии байналмилалӣ сармоягузорӣ намояд.

Бояд қайд кард, ки ҷойгиркунӣ ва ё нигоҳдории захираҳои Хазина дар суратҳисоб ва воситаҳои молиявӣ дар ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади таъмини бехатарӣ ва пардохтпазирии ин маблағҳо қонунан манъ карда шудааст, ба истиснои суратҳисобҳои Хазина, ки барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва хароҷоти амалиётии он пешбинӣ шудаанд. Таҷрибаи мазкур дар бештари давлатҳои рӯ ба инкишоф маъмулӣ буда, ташкилотҳо (фондҳо)-и суғуртакунандаи пасандозҳо маблағҳояшонро дар суратҳисобҳои бонки марказӣ (миллӣ) нигоҳ медоранд ва сармоягузории онҳо танҳо ба воситаҳои молиявии хавфи камдошта иҷозат дода мешавад.

Дар соли 2023 бо назардошти маҳдуд будани дастрасӣ ба дигар воситаҳои молиявии бозори коғазҳои қиматнок, Хазина маблағҳои озоди худро танҳо ба коғазҳои қиматноки давлатӣ сармоягузорӣ кард. Аз ҷумла, Хазина дар давоми соли ҳисоботӣ дар 7 музоядаи барориши Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молия иштирок карда, ҳаҷми сармоягузорӣ 350,0 млн. сомонӣ бо меъёри даромаднокии миёнавазни 0,99 фоизи солонаро ташкил дод.

Бо назардошти набудани манбаҳои алтернативӣ барои сармоягузорӣ бо фоизҳои баландтар ва меъёрҳои фоизнокии паст доштани векселҳои давлатии хазинадорӣ, дар соли 2023 даромади

фоизии Хазина аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ ҳамагӣ 920,7 ҳаз. сомониро ташкил дод.

### Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, бо млн. сомонӣ ва бо фоиз (манбаъ: Хазина)




### Даромади фоизии Хазина аз сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок, бо ҳаз. сомонӣ (манбаъ: Хазина)



### 3.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа

Яке аз ҳадафҳои асосӣ дар фаъолияти Хазина ин пешбурди таблиғоту ташвиқот ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳли ҷомеа оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, афзалиятҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он ва ба ин васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми хабардор будан оиди ҳимоя гардидани амонату пасандозҳои худ, мизоҷон дар ҳолатҳои бухронӣ ба хавфи ваҳм ва ба таври оммавӣ яку якбора бозпас гирифтани пасандозҳои худ, ки боиси бад гардидани вазъи ташкилоти қарзӣ мегардад, роҳ намедиҳанд. Омили мазкури равонӣ бо назардошти оне, ки низоми суғуртаи амонату пасандозҳо маблағи шумораи аксари пасандоздоронро пурра суғурта ва ҷуброн менамояд, бевосита ба таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Хазина дар давоми соли ҳисоботӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди корӣ дар самти корҳои ташвиқотӣ, паҳнсозии маълумот ва огоҳонии оммаи васеъ оид ба моҳияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, корҳои муайянро анҷом дод.

Дар давоми соли ҳисоботӣ дар сомонаи расмии Хазина ва шабакаҳои иҷтимоӣ маводҳои иттилоотию таҳлилӣ, эълонҳо ва ахборотҳо мунтазам нашр карда шуданд. Хазина оид ба масъалаҳои мухталифи соҳа, аз ҷумла оид ба тағйиротҳо дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, оид ба феҳристи ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина, нишондиҳандаҳои таҳлилӣ, оид ба суғуртакунии амонату пасандозҳо ва ахборот вобаста ба фаъолияти Хазина маълумот омода карда, дар сомонаи худ ҷойгир намуд.

Баҳри баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, бахсус мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, ролики видеоӣ, маводҳои таблиғотӣ ва эълонҳо барои телевизион ва радио (шабакаҳои телевизиони

“Тоҷикистон”, “Душанбе” ва “Ҷаҳоннамо”, радиои “Имруз”) таҳия, пахш ва интишор карда шуданд.

Ҳамзамон, дар соли сипаришуда дар маркази таълимии Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон бо ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина семинар-машварати корӣ вобаста ба шарҳ ва баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ва тағйиру иловаҳои ба санадҳои меъёрии Хазина воридгардида, баргузор гардид. Дар рафти семинар-машварат ба самъи иштирокчиён дар шакли рӯнамо маълумоти муфассал оид ба ворид гардидани тағйирот ба Қонун ва чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои талаботи меъёрҳои нави дар он дохилшуда, шарҳи мухтасар дар бораи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва шарҳи тағйирот ба санадҳои меъёрии Хазина пешкаш карда шуд.

Ғайр аз ин, ҷиҳати  баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ як қатор чорабиниҳо, аз қабили озмун ва иқдомҳои марбут ба ҷалби пасандозҳо, ташкили вохӯриҳо бо аҳолӣ оид ба фаҳмонидани моҳияти суғуртаи пасандозҳо, пахш намудани маводҳои таблиғотию ташвиқотӣ оид ба амалиётҳои пасандозӣ дар воситаҳои ахбори умумро амалӣ карда шуд.

Баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон самти муҳими фаъолияти Хазина ба шумор рафта, Хазина мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” тартиби қабул ва баррасии мурочиатҳои шаҳрвандонро амалӣ менамояд.

Дар соли 2023 ба Хазина дар маҷмуъ 62 адад арзу мурочиатҳои шаҳрвандон, аз ҷумла пасандоздорон ва намояндагони онҳо ворид гардиданд. Мазмуну мухтавои қариб ҳамаи мурочиатҳои ба Хазина воридшуда бо масъалаҳои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ва ҶСК “Агроинвестбонк”, бо аризаҳои аз меросхӯрони пасандоздорон қабулшуда ва пасандоздороне, ки бинобар сабабҳои узрнок барои ҷубронпулиро гирифтан дар давоми як соли пешбинишуда сари вақт мурочиат накарданд (берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ қарор доштан, дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ будан, бемор ва дар бистарии дуру дароз

будан), вобастагӣ доштанд. Нисбат ба аризаҳои қабулшуда аз ҷониби кормандони масъули Хазина санҷишҳои такрорӣ гузаронида шуда, ҳамаи онҳо ҳалли худро ёфтанд.

### 3.4. Ҳамкориҳои байналмилалӣ

Дар соли сипаришуда баҳри тақвияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ҳамкориҳои судманд бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд (БОР) ва Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) идома дода шуд.

Дар доираи ин ҳамкориҳо ва ташрифи ҳайатҳои расмии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ масъалаҳои таъмини устувории молиявии Хазина, беҳтар намудани раванди пардохти ҷубронпулӣ, беҳтар намудани корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, идоракунии босамари дороиҳо ва рушди бозори коғазҳои қиматнок, баланд бардоштани сатҳи тайёрии касбӣ ва малакаи кории кормандони Хазина мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Аз ҷумла, Хазина дар доираи лоиҳаи "Барнома оид ба рушди бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ" бо БОР вобаста ба такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина дар самти васеъ намудани сатҳи фарогирӣ ва андозаи суғуртакунии пасандоздорон, такмили сиёсати сармоягузорӣ, такмили раванди пардохти ҷубронпулии суғурта тавассути пешниҳоди усулҳои электронии пардохти ҷубронпулӣ, ҳамкориҳои зичро ба роҳ монд. Дар натиҷаи он, ба як қатор санадҳои меъёрии Хазина тағйиру иловаҳо қабул карда шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» қабул гардид.

Дар давоми соли 2023 Хазина бо мақсади ҷалби сармоя ва барқарор намудани захираҳои молиявӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи ба нақша гирифташудаи "Рушди бахши молиявӣ ва хусусӣ (гранти МАР)" фаъолона ҳамкорӣ намуд. Лоиҳаи кӯмаки техникии мазкур аз ҷониби Шӯрои директорони Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ тасдиқ

карда шуда, дар интиҳои соли 2023 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуд. Дар доираи лоиҳаи мазкур гранти сармоягузорӣ барои барқарор кардани эътимоди пасандоздорон ва маблағгузории Хазина, инчунин дастгирӣ дар самти харид ва татбиқи низоми автоматикунонидашудаи таҳияи феҳристи пасандозҳои суғурташуда, беҳгардонии раванди огоҳонӣ ва маълумотдиҳӣ ба ҷомеа, инчунин масъалаҳои баланд бардоштани савияи дониши кормандони Хазина пешбинӣ шудааст.

Инчунин, Хазина дар ҷараёни вохӯриҳои доимӣ бо ҳайатҳои ташрифкунандаи ХБА дар доираи машваратҳои Моддаи IV масъалаҳои вобаста ба фаъолияти Хазина ва раванди пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии муфлисшуда, вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, устувории молиявии Хазина, камбудиҳо ва хавфҳои дар ин ҷода мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Хазина дар соли ҳисоботӣ бо кишварҳои узви Кумитаи минтақавии Авросиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо (IADI) низ ҳамкориҳои судмандро идома дода, якчанд маротиба дар чорабиниҳои фосилавӣ ва гузаронидани пурсишномаҳои дахлдор иштироки худро таъмин намуд. Хазина дар Кумитаи мазкур ба сифати мушоҳид фаъолият намуда, иштирок дар ҷаласаҳои он имкон медиҳад, ки фаъолияти худро дар самти омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ оид ба суғуртакунии пасандозҳо, самаранок ва устувор намудани низоми миллии суғуртакунии пасандозҳо, инчунин рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ байни ташкилотҳои суғуртакунии пасандозҳо ривоҷ ёбад.

### 3.5. Самтҳои асосии рушди Хазина

Бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятнок ва вазифаҳо барои рушди минбаъдаи Хазина ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар соли сипаришуда “Стратегияи рушди Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон барои солҳои 2024-2029” таҳия

гардида, он бо қарори Шӯрои нозирони Хазина аз 28 ноябри соли 2023, №21 тасдиқ карда шуд.

Дар Стратегияи мазкур ҷанбаҳои асосии рушди институтсионалии Хазина, тавсеа додани фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, такмили қонунгузории ҷорӣ, таъмини устувории молиявӣ, самаранокии амалиётӣ ва омодагӣ ба ҳолатҳои суғуртавӣ, таъмини шаффофият ва беҳгардонии корҳои таблиғотию ташвиқотӣ, инчунин рушд додани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои дохилию хориҷӣ бо дарназардошти дар давраи дарозмуҳлат мусоидат намудан ба таъмини суботи молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, мавриди тарҳрезӣ қарор дода шудааст.

Инчунин, дар Стратегия ба масъалаҳои таъмини идоракунии босамари корпоративӣ, назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, ҷорӣ намудани низому равандҳои нави пешбурди фаъолият бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ диққати махсус дода шудааст.

Стратегия дар маҷмуъ чор самти афзалиятнок ва ҳадафҳои амалиётии зерини рушди Хазинаро барои солҳои 2024-2029 муайян менамояд:

Дар самти якум – "Суғуртаи амонату пасандозҳо", масъалаҳои тақвияти низоми суғуртаи пасандозҳо, таҳкими омодагии Хазина ба эҳтимолияти амалӣ гаштани ҳолатҳои суғуртавӣ ва таъмини раванди самараноки пардохти ҷубронпулии суғурта пешбинӣ гардидаанд.

Дар самти дуюм – "Идоракунии равандҳои дохилӣ-корпоративӣ", масъалаҳои таъмини устувории молиявии Хазина, идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ, инчунин такмили сохтори ташкилӣ ва тахассуси кормандони Хазина муайян шудаанд.

Дар самти сеюм – "Сиёсати иттилоотӣ" диққати асосӣ ба вусъат додани корҳои таблиғоту ташвиқоти Хазина ва раванди иртибот бо ҷомеа оиди моҳияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ҷудо шудааст.

Дар самти чорум – "Ҳамкориҳои самаранок", масъалаҳои беҳтар намудани ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалиро пешбинӣ менамояд.

# Ҳисоботи молиявии Хазина

## 4. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ХАЗИНА

Дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми дороиҳои Хазина раванди устувори афзоишро нишон дод. Тибқи ҳисоботи тавозунӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2023 маблағи (дороиҳои) умумии Хазина 207,6 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 48,7 млн. сомонӣ зиёд гардид. Омилҳои асосии афзоиши маблағҳои Хазина пеш аз ҳама бо зиёдшавии пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии узви Хазина бинобар афзудани ҳаҷми амонату пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, бахусус пасандозҳои суғурташуда вобастагӣ дошт.

**Маблағи Хазина ба ҳолати 31 декабр, бо млн. сомонӣ**
**(манбаъ: Хазина)**




Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ташкилотҳои қарзӣ пардохтҳои тақвимиро аз рӯи ӯҳдадориҳои худ вобаста ба асъори пасандоз, бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ ба Хазина пардохт менамоянд. Аз ин рӯ, маблағи Хазина аз бақияи маблағҳои бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ташаккулёфта иборат мебошад. Аз маблағи умумии дороиҳо 56,6 фоиз ба пули миллӣ ва 43,4 фоиз ба асъори хориҷӣ рост меояд (дар соли қаблӣ таносуби мазкур мувофиқан 65,9 фоиз ва 34,1 фоизро ташкил дода буд).

Суръати афзоиши дороиҳои Хазина дар соли ҳисоботӣ раванди мусбиро идома дода, афзоиши он нисбат ба соли қаблӣ 30,6 фоизро ташкил дод.

Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина[3], ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, 2,4 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба нишондиҳандаи соли қаблӣ 0,4 банди фоизӣ афзоиш ёфт, ки он асосан бо суръати афзоиши зиёдтари дороиҳои Хазина алоқаманд мебошад.

**Суръати афзоиши дороиҳои Хазин, бо фоиз**
(манбаъ: Хазина)




**Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина, бо фоиз**
(манбаъ: Хазина)




Дар соли ҳисоботӣ тибқи ҳисоботи даромаду хароҷот даромади Хазина (бе назардошти таъсири азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ) маблағи 2 083,5 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки аз он аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ даромади фоизии Хазина ба маблағи 920,7 ҳаз. сомонӣ ва дигар даромадҳо ба маблағи 1 162,8 ҳаз. сомонӣ асосан аз ҳисоби пардохти ноустуворонаи ҳисобшудаи ташкилотҳои қарзӣ ва фурӯши гарави барои бозфурӯш гирифташуда, ба даст оварда шудааасt.

Хароҷотҳои амалиётии Хазина бошанд дар доираи харҷномаи аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина тасдиқшуда ҷамъбаст ёфта, маблағи он

*[3] Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина тибқи қонун дар ҳаҷми 7 фоизи бақияи умумии пасандозҳои суғурташуда, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар карда шудааст.*

1 941,3 ҳаз. сомониро (бо назардошти ташкили фонди махсус аз рӯи гарави гирифташуда) ташкил дод, ки коэффитсиенти азхудкунии он ё худ ҳиссаи хароҷотҳои воқеӣ нисбат ба харҷномаи Хазина, ки аз тарафи Шӯрои нозирони Хазина тасдиқ гардидааст, 95,2 фоизи хароҷотҳои дар соли 2023 ба нақша гирифташударо ташкил дода, харҷномаи тасдиқшуда пурра риоя карда шудааст.

Ба ғайр аз даромаду хароҷотҳои амалиётӣ дар соли ҳисоботӣ таъсири соф аз ҳисоби азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ нишондоди мусбии 1 440,5 ҳаз. сомониро ташкил дод.

Ҳамин тариқ, Хазина дар соли 2023 фаъолияти молиявии худро бо фоида ҷамъбаст намуда, тибқи ҳисоботи маҷмӯии фоида ва зарар маблағи он 1 582,8 ҳаз. сомониро ташкил дод.

**Даромади софи Хазина, бо млн. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




Санҷиши фаъолияти молиявии Хазина барои соли 2023 аз тарафи ширкати аудитории ҶДММ "Консултант Аудит" гузаронида шуд. Тибқи хулосаи ширкати аудиторӣ ҳисоботҳои молиявии Хазина ва нишондиҳандаҳои он, ҳолат ва натиҷаҳои молиявии Хазина ба ҳолати 31 декабри соли 2023 дар мутобиқат бо Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дуруст инъикос дода шудаанд.

## Замимаҳо

# ҲИСОБОТИ ТАВОЗУНӢ

**ба ҳолати 31 декабри соли 2023**

| Бо сомонӣ | 31.12.2023 | 31.12.2022 |
|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо | 157 616 542 | 58 698 227 |
| Дороиҳои молиявӣ то мухлати пардохт | 49 873 930 | 99 750 375 |
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан | 42 947 | 120 698 |
| Гарави барои бозфурӯш гирифташуда | 0 | 282 434 |
| Воситаҳои асосӣ | 52 879 | 62 134 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 15 679 | 18 659 |
| Дигар дороиҳо | 17 623 | 14 930 |
| **Ҷамъ дороиҳо** | **207 619 600** | **158 947 456** |
| **УҲДАДОРИҲО** | | |
| Ҳисобҳои дигар барои пардохт - пули миллӣ | 23 759 | 0 |
| Ҳаққузорӣ ба Фонди ҳифзи иҷтимоӣ барои пардохт | 9 889 | 0 |
| Дигар уҳдадориҳо | 85 629 | 88 918 |
| **Ҷамъ уҳдадориҳо** | **119 277** | **88 918** |
| **САРМОЯ** | | |
| Сармояи пардохтшудаи саҳомӣ | 590 232 | 590 232 |
| Сармояи изофа | 2 120 286 | 2 030 286 |
| Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | 211 652 032 | 164 681 869 |
| Фоидаи тақсимнашуда (зарар) | (6 882 227) | (8 443 849) |
| **Ҷамъ сармоя** | **207 500 323** | **158 858 538** |
| **ҶАМЪ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | **207 619 600** | **158 947 456** |

## ҲИСОБОТИ МАҶМӮИИ ФОИДА ВА ЗАРАР

**ба ҳолати 31 декабри соли 2023**

| Бо сомонӣ | 31.12.2023 | 31.12.2022 |
|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 920 749 | 616 657 |
| Хароҷоти фоизӣ | 0 | 0 |
| **Даромади фоизии соф** | **920 749** | **616 657** |
| Дигар даромадҳо | 1 162 799 | 57 555 |
| **Ҷамъ даромадҳо** | **2 083 548** | **674 212** |
| Фонди махсус аз рӯи гарави гирифташуда | 282 434 | 121 043 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 1 658 863 | 1 699 415 |
| Даромад (зарар)-и холис аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 1 440 531 | (5 437 724) |
| **Фоида (зарар) то андозбандӣ** | **1 582 782** | **(6 462 928)** |
| Андоз аз фоида | 0 | 0 |
| **Фоида (зарар)-и соф** | **1 582 782** | **(6 462 928)** |

## ҲИСОБОТИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
**ба ҳолати 31 декабри соли 2023**

| Бо сомонӣ | 31.12.2023 | 31.12.2022 |
|---|---|---|
| *Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ* | | |
| Пардохти ҳаққи узвият | 90 000 | 30 000 |
| Пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ | 47 928 349 | 24 781 693 |
| Фоизи (дисконти) гирифташуда аз рӯи коғазҳои қиматнок | 998 502 | 574 138 |
| Воридшавии маблағ аз ташкилоти қарзии барҳамхӯрда | 0 | 159 163 |
| Дигар даромадҳо | 1 163 118 | 57 555 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | (1 606 443) | (1 610 522) |
| Пардохти комиссия ба бонк-агентҳо | 0 | (6 922) |
| Пардохти ҷубронпулии суғурта | (958 184) | (1 220 357) |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтнашуда аз бонк-агент | 0 | 7 014 619 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **47 615 342** | **29 779 368** |
| *Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ* | | |
| Хариди амвол ва таҷҳизот | (14 000) | (6 505) |
| Харидории коғазҳои қиматнок | (349 125 057) | (279 301 049) |
| Бозгашти воситаҳои пулии аз коғазҳои қиматнок | 399 001 499 | 229 425 862 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **49 862 442** | **(49 881 692)** |
| *Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ* | | |
| Барориши саҳмияҳои оддӣ | 0 | 0 |
| Суди саҳмияҳои оддӣ | 0 | 0 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **0** | **0** |
| Тағйирёбии қурби асъор | 1 440 531 | (5 437 724) |
| Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ | 98 918 315 | (25 540 048) |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **58 698 227** | **84 238 275** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охир сол** | **157 616 542** | **58 698 227** |

## ҲИСОБОТ ОИД БА ТАҒЙИРОТ ДАР САРМОЯ

**ба ҳолати 31 декабри соли 2023**

| Бо сомонӣ | Сармояи саҳомии пардохт-шуда | Сармояи изофа | Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | Фоида/ зарари тақсимна-шуда | ҶАМЪ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба 01 январи с.2022** | **590 232** | **2 000 286** | **114 849 174** | **2 093 793** | **119 533 485** |
| Фоидаи (зарари) соф | | | | (6 462 928) | (6 462 928) |
| Зиёдшавии сармояи изофа | | 30 000 | | | 30 000 |
| Зиёдшавии захира барои ҷуброни суғурта | | | 24 781 693 | | 24 781 693 |
| Тасҳеҳи фоида | | | 4 026 436 | (4 026 436) | 0 |
| Тасҳеҳи фоида барои соли ҳисоботӣ | | | | (48 278) | (48 278) |
| Истифодаи захира барои ҷуброни суғурта (ҷубронпулӣ) | | | (521 141) | | (521 141) |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтшуда | | | 562 640 | | 562 640 |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтнашуда аз бонк-агент | | | 20 983 067 | | 20 983 067 |
| **Бақия ба санаи 31 декабри с. 2022** | **590 232** | **2 030 286** | **164 681 869** | **(8 443 849)** | **158 858 538** |
| Фоидаи (зарари) соф | | | | 1 582 782 | 1 582 782 |
| Зиёдшавии сармояи изофа | | 90 000 | | | 90 000 |
| Зиёдшавии захира барои ҷуброни суғурта | | | 47 928 349 | | 47 928 349 |
| Тасҳеҳи фоида барои соли ҳисоботӣ | | | | (1 160) | (1 160) |
| Истифодаи захира барои ҷуброни суғурта (ҷубронпулӣ) | | | (958 184) | | (958 184) |
| **Бақия ба санаи 31 декабри с. 2023** | **590 232** | **2 120 286** | **211 652 034** | **(6 862 227)** | **207 500 324** |

**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**+(992) 44 600 66 00**
**info@idif.tj**
**www.idif.tj**